**Тақриз**

**ба диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳқиқу баррасии хусусиятҳои хоси забонӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи забоншиносӣ ба шумор рафта, дар ин ҷода корҳои илмию амалӣ рӯйи кор меоянд. Дар баробари дигар омилҳои илмиву ҷамъиятӣ рушду такомули забон мавриди таваҷҷуҳи мутахассисон қарор дорад ва ин боиси афзоиши захираи луғавии ҳар як забон мегардад, ки дар натиҷа таркиби луғавии забон ба тағйирот дучор мегардад. Аз ҷониби дигар, омилҳои рушддиҳандаи забон ва захираи луғавии он, афзоиш ва воридшавии воҳидҳои мураккаби луғавӣ низ чашмрас мебошанд. Бо назардошти инкишофи захираи луғавии забон аз ҳисоби воҳидҳои мураккаби луғавӣ, дуруст дарк намудани мазмуну муҳтаво ва роҳҳои асосии тарҷумаи онҳо як қатор мушкилиҳои лексикӣ ва тарҷумавиро ба вуҷуд меоранд. Ин ҳодисаҳои забонӣ ба анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба воситаҳои ташаккулёбии воҳидҳои луғавии мураккаб ва сохторҳои нимтиредор ва вижагиҳои ифодаи онҳо ба забонҳои гуногун мусоидат мекунад. Муайян намудани воситаҳои ташаккул ва тарҷумаи ин гуна воҳидҳои забонӣ яке аз вазифаҳои асосии забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳар забон, аз ҷумла дар забони англисӣ, воситаҳои хоси калимасозӣ, бахусус калимаҳои мураккаб ва усулҳои истифодаи онҳо мавҷуд аст, ки дар раванди забономӯзӣ ва тарҷума дар доираи забонҳои англисиву тоҷикӣ мушкилиҳои хос эҷод мекунанд.

Аз ин рӯ, баҳри бартараф намудани ин мушкилиҳо ва дар сатҳи комил тарҷума намудан аз як забон ба забони дигар масъалаи истифодаи калимаҳои мураккаб ва вижагиҳои хоси онҳо рӯйи кор омад.

Мубрам будани мавзуъ дар зарурати таҳқиқ яке аз масъалаҳои муҳими воҳидҳои мураккаб дар чаҳорчӯбаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва вижагиҳои тарҷумавии онҳо зоҳир мегардад.

Мақсади кори илмии тақризшаванда воситаҳои ташаккули воҳидҳои луғавии мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикиро дар бар мегрaд. Дар баробари мақсади таҳқиқот вазифаҳои он низ мушаххас буда, аз бахшҳои зерин иборатанд:

- ҷамъоварии маводи назариявӣ ва амалӣ доир ба мавзуъ;
- аз рӯйи гурӯҳбандии муайян бознигарӣ ва таҳлил намудани маводи назариявӣ ва амалӣ;
- муайян намудани дараҷаи аҳамиятнокии калимасозӣ ва пурра ғанӣ гардидани захираи луғавии забони англисӣ аз ҳисоби калимаҳои мураккаби ин забон;
- муайян намудани меъёрҳои асосии ташаккулёбии калимаҳои мураккаб ва баррасии онҳо дар муқоиса бо воҳидҳои дигари луғавӣ;
- омӯзиши роҳу воситаҳои ташаккулёбии воҳидҳои мураккаби нимтиредор дар забони англисӣ ва роҳу воситаҳои ифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ;
- омӯзиши усулҳои тарҷумаи воҳидҳои луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва таъсири онҳо ба сифати тарҷума.

Дар диссертатсияи мазкур масъалаи таҳқиқи муқоисавӣ-типологии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар забоншиносии ватанӣ бори аввал баррасӣ шудааст, ки ин навоварии илмии таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Асосҳои назарияви таҳқиқотро осори илмию назариявии самти забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ асарҳои муҳаққиқони шинохтаи ватаниву хориҷӣ ва луғату фарҳангҳо доир ба калимасозӣ ва луғатшиносии забони англисӣ, аз

қабили: И.В. Арнолд, О.Д. Мешков, П.В. Сарев, Р.З. Гинзбург, Е.С. Кубрякова, П.М. Карашук, А.И. Смирнитский, Г.И. Шейдеман, П.Ф. Шанин, И. Ибрагимходжаев, В. Адамс, Ҳ. Марчанд ва тоҷикӣ: Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, С. Ҳошимов, С. Раҳматуллозода, М.Н. Қосимова, М.Н. Азимова, С. Ғаниева, ҳамзамон дар бораи тарҷумашиносии забони англисӣ: В.С. Виноградов, А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров, Я.И. Ретскер, В.Н. Крупнов ва тоҷикӣ: П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, М.Б. Шаҳобова, Ф.М. Турсунов ҳамчун асоси назариявӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифа, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии муҳаққиқ ва дигар қисматҳо дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ**» масъалаҳои забонии таҳқиқи воҳидҳои мураккаби луғавиро инъикос менамояд. Дар ин боб натиҷаи таҳлил дар шакли диаграма тасвир карда шудааст, ки сифати таҳқиқотро хеле баланд бардоштааст.

Боби дуюм «**Таҳлили муқоисавии сохтор ва маънои воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» номгузорӣ шудааст ва дар он воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои мавриди назар аз нигоҳи муқоиса мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюм «**Хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ**» унвон шудааст. Дар ин боб масъалаҳои

вижагиҳо ва усулҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳо мавриди назар бо истифода аз мисолҳои асарҳои бадеӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии он таҷассум ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур аз лиҳози илмӣ пояи мустаҳками назариявӣ дошта, баёнгари он аст, ки муаллифи он мавзуи таҳқиқотиро хуб ва амиқ омӯхтааст. Дар диссертатсия мисолҳо аз тарафи муаллиф бо методҳои муқоисавӣ ва тарҷумавӣ таҳлил шудаанд ва ин арзиши илмии корро баланд бардоштааст.

Муаллиф оид ба натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишкадавӣ баромад намуда, дар маҷмуъ 13 мақолаи илмӣ таълиф намудааст. Ҳамзамон 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти илмии анҷомдодаро дар бар мегирад.

Бовуҷуди қайдҳои боло дар диссертатсия баъзе хатоҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст. Ба монанди:

1. Баъзе аз номгӯйи адабиёти истифодашуда таҷдиди назар карда шавад.
2. Хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дар ҷо-ҷои диссертатсия ба назар мерасанд.

Эродҳои дар диссертатсияи тақризшаванда ҷойдошта арзиши илмии кори таҳқиқотии мазкурро халалдор намекунанд ва онҳо қобили ислоҳ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Муқарриз:**
дотсенти кафедраи филологияи англиси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба ном Сотим Улуғзода,
номзади илмҳои филологӣ Каримов Амонулло Файзуллоевич

**Имзои Каримов А.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

734019, ш. Душанбе,
кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6
тел./факс (992 37) 2325003
Тел.: (992) 985162061
E-mail: amonmuallim88@mail.ru

21.04.2022